# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба диссертатсияи Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки асосҳои илмӣ-назариявии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, тақвияти, ҳамгироии агросаноатӣ ва танзими давлатӣ чун омили асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шудааст.

Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисодиёт метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ бахшида шуда, муаллиф масъалаҳои истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти ташкил ва таъмини рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ, самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи соҳибкориро илман асоснок намуда, дар ин замина самтҳои асосии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзиро таҳия намуда, таклифу тавсияҳои мушахас ироа намудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогири масъалаҳои мубрами роҳҳои таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 фармоиши

№14/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 52 мақола дар ҳаҷми 16,1 ҷ.ч. чоп гардидааст (10,2 ҷ.ч. аз муаллиф), аз ин шумора 28 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шуда, ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Одиназода А.И. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Одиназода А.И. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхисӣ мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба Шурои диссертасионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи агарии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

**Толибов Қобил Қосимович**–доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Наимов Бекмурод Қунғуротович**–номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муасисса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 14-уми сентябри соли 2024, соати 09.00 муайян карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Раҳматзода Ҳ.Б.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Раҷабов Р.К.

номзади илмҳои иқтисодӣ Насриддинов Ш.С.

08-уми июли соли 2024